**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (Дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар ба таҳлили нарратологии романи тоҷик бахшида шуда, дар он романи «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод ба унвони пойгоҳи таҳлилӣ интихоб гардидааст. Дар диссертатсия масъалаҳои калидии нарратология, ки иборатанд аз таъйини вижагиҳои нависанда ва ровӣ, хонанда ва мухотаб, персонаж ва шахсиятофарӣ, хатти замонии роиҷ дар сужет, истифода аз дидгоҳҳои мухталиф дар матни адабӣ ва корбурди падидаҳои бадеии такроршаванда дар кулли осори нависанда ба таври муфассал баррасӣ шудаанд.

Таҳлили роман бар асоси назарияҳои В.Шмид ва Ж.Женетт қисми аслии диссертатсияро ташкил дода, дар зимн, вижагиҳои миллию фарҳангии матни бадеӣ низ дар ҳошияи назарияҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Аҳаммияти ин кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки як равиши тозаи баррасии матни бадеиро матраҳ намуда, дар мисоли таҳлили муфассали романи «Ҳайҷо» робитаи дуҷонибаи матни бадеӣ ва накди адабиро бар асоси назарияҳои нарраталогӣ нишон додааст.

Корбурди равишҳои таҳлили нарратологии матни бадеӣ барои арзишгузорӣ ба осори хунарӣ, ки то имрӯз дар накди адабӣ ва умуман, дар адабиётшиносии тоҷикӣ собиқа надошт, навгонии илмии ин диссертатсия маҳсуб мешавад. Ҳар фасли алоҳидаи ин таҳқиқ метавонад ба сифати меъёри ҷудогонаи таҳлили матн хидмат намуда, яке аз ҷиҳатҳо ё вижагиҳои асари бадеиро ба таври амиқ ба тадқиқ гирад.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои назарии офаринишу таҳаввули матни бадеӣ, анҷом додани таҳқиқоти илмии марбут ба сохтори осори адабӣ, дар пажӯҳиши паҳлӯҳои омӯхтанашудаи насру назми муосири тоҷик, хусусан, омӯзиши бисёрҷонибаи эҷодиёти Ӯрун Кӯҳзод ва таъйини арзишҳои ҳунарию адабии осори нависандагон ва шоирони алоҳида метавон мавриди истифода қарор дод. Ин таҳқиқ метавонад заминае бошад барои пажӯҳишҳои тозаи назариявӣ ва корбурдӣ, ки ба тадқиқи буъдҳои милливу фарҳангии осори адабии тоҷик аз дидгоҳи назарияҳои мухталифи шинохташуда дар соҳаҳои адабиётшиносӣ, мутолиоти татбиқӣ, нақди адабӣ ва забоншиносӣ мепардозанд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва ба таври мустақил ифода шудани дидгоҳи ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Аҳмадзода Фаррухаи Фурӯзонфар дар мавзуи «Таҳлили нарратологии романи тоҷик» (Дар мисоли «Ҳайҷо»-и Ӯрун Кӯҳзод) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Худойдодов Аъзам Овлододович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Каримова Ҳилола Қодиралиевна** – доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси филология, ходими илмии шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати

он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ М. Нарзиқул

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Низомӣ М.З.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ С. Эмомалӣ

12-уми июли соли 2025.